# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия пешниҳод шудааст**

Муҳиммияти мавзуи интихобнамудаи Султонмамади Гулмамад зарур ва мубрам мебошад, зеро дар замони муосир эҳтиёҷоти саноати сабук ва дорусозӣ ба маводи нав мунтазам афзоиш меёбад. Номбурда барои ба даст овардани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз таркби растании сичи калон (*E. robustus* Regel) ва сичи ҳисорӣ (*E. hissaricus* Vved) усулҳои ҳозиразамони физикию кимиёвиро дар самти спектроскопияи ултрабунафш, спектроскопияи инфрасурх ва электрофорези қатрагӣ бо муваффақият аз худ кардааст. Султонмамади Гулмамад ҳамчун аспиранти шуъбаи ғоибона аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 – Биохимия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ дар Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ корҳои илми – таҳқиқотиро гузаронидааст.

Султонмамади Гулмамад соли таваллудаш 1990, миллаташ тоҷик. Соли 2008 ба факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дохил шуда, соли 2012 онро бо дараҷаи бакалаврӣ хатм кард. Соли 2014 магистратураро бо ихтисоси омӯзгори фанни химия хатм кардааст. Номбурда бо фармоиши президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 02.03.2017, таҳти №30001/23-55 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ғоибонаи Озмоишгоҳи биохимияи фотосинтези Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуда, онро муфофиқи қарори Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон соли 2020, №121 бо муваффақият ба анҷом расонид.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб, хулоса, феҳристи маъхазҳо (236 - сарчашма, аз ҷумла 70 - сарчашма бо забони хориҷӣ) иборат буда, 159 саҳифаи чопи компютерӣ, 19 - ҷадвал ва 43 расмро дар бар гирифтааст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқ қарордодашуда ассоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёби гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарявӣ ва методологи, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалияи мавзуъ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум баррасии адабиёт, хусусиятҳои фенологӣ, морфологию анатомӣ ва интродуксияи оилаи намудҳои сич (*Eremurus*), усулҳои ҷудо намудани пайвастагиҳои фитохимиявӣ аз узвҳои нашвӣ ва генеративии намудҳои авлоди сич (*Eremurus*), мавҷудияти пайвастагиҳои фитохимиявӣ дар таркиби сич (*Eremurus*) ва истифодабарии пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби сич (*Eremurus*) мавриди таҳлилу омузиш қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм оид ба мавод ва усулҳои таҳқиқот оварда шудааст.

Дар боби сеюм оид ба натиҷаҳои кори илмӣ, аз он ҷумла омӯзиши давраҳои нашвӣ ва динамикаи тағйирёбии биомассаи умумии сичи калон (*E.robustus* Regel) ва сичи ҳисорӣ (*E.hissaricus* Vved) дар минтақаҳои таҷрибавӣ маълумот дода шудааст.

Дар боби чорум хосиятҳои биохимиявии пайвастагиҳои фитохимиявии таркиби растании авлоди *Eremurus* Bieb оварда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои ассосии диссертатсия дарф мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса диссертатсияи Султонмамади Гулмамад дар мавзуи «Динамикаи ҷамъшавии пайвастагиҳои фитохимиявии растании сич (*Eremurus*) дар шароити гуногуни экологӣ» ба талаботи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марта соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан

ба дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04-Биохимия барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**

Сарходими илмии озмоишгоҳи
биохимияи фотосинтезии ИБФ ва ГР-и АМИТ
д.и.б., узви вобастаи АМИТ Ҷумъаев Б.Б.

Имзои Ҷумъаев Б.Б. - ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти ботаника,
физиология ва генетикаи растании АМИТ Умарова Н.С.

734017,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Карамова, 27
Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании АМИТ
Тел: (+992) 93-502-03-95 bahshullo@mail.ru